03 05 2019



**Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон 16 апрели соли 2019 дар шахри Москва зимни суханронӣ дар мулокот бо рохбарону намояндагони чамъиятхои точикон, сохибкорон, зиёиён ва донишчӯёни точик дар Федератсияи Россия зикр намуданд, ки ба шарофати хохишу талошхои дучониба миёни ду халки бародар ва ду кишвари дӯст 16 гузаргохи сархадӣ кушода шуд, ки дар таърихи беш аз ду дахсолаи охир дастоварди бесобика аст.** Вокеан, ин дастоварди бузургест дар муносибатхои сиёсию иктисодӣ, ичтимоию фархангии ду миллати бо хам дӯсти точику ӯзбек. Мо – сокинони чумхурихои сохибистиклоли Точикистону Ӯзбекистон чандин солхо чунин муносибати хасанаро интизор будем. Вакте ки 9 марти соли 2018 дар байни ин чумхурихои бародар 27 созишнома ба манфиати халкхои точику ӯзбек ба имзо расиду симхорхои байни кишвархо аз хати сархадхо бардошта шуданд, хурсандии мардум андоза надошт. Дар гузаргоххои сархадӣ точикону ӯзбекон ашки шодӣ мерехтанд, хамдигарро ба огӯш мекашиданд, суруд мехонданду мераксиданд.

Имрӯз мо бехад аз сиёсати хирадмандонаи Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва Президенти Чумхурии Ӯзбекистон мухтарам Шавкат Мирзиёев хурсандем, ки тафрикаандозиро дар байни миллатхои тамаддунофарини точику ӯзбек аз миён бардоштанд. Айни замон, дар Ӯзбекистон мактабхои точикӣ аз нав фаъол мешаванд, забони точикӣ мавкеи пешинаашро касб менамояд, точикон ба корхои давлатӣ пешбарӣ ва таъйин мегарданд, вакил интихоб мешаванд.

Дар Ӯзбекистон хар як точик медонад, ки баъди чанги тахмилии шахрвандӣ дар Точикистон баркарор намудани сулх, вахдати миллӣ, баргардондани гурезахои ичборӣ чӣ мушкилихое доштанд, вале иродаи мустахками Пешвои точикони чахон мухтарам Эмомалӣ Рахмон имкон фарохам овард, ки сулхи сартосарӣ галаба намояд.

Имрӯз мо дар шахрхои Душанбе, Бохтар, Турсунзода, Вахдат, нохияхои Рашту Кӯшониён, Вахшу Кубодиён, Панчу Шахритуз, Чайхуну Дӯстӣ дигаргунихои бузурги ичтимоиро дида, аз пешрафту ободӣ, сохтмонхои мухташам, бунёди касрхои фарханг, иншооти варзишӣ, корхонахои саноатӣ, роххои васею мумфарши сатхи байналмилалӣ, богхову хиёбонхои гарки гулхои харранга, дарахтони аз гӯшахои гуногуни чахон оварда, фавворахо ангушти хайрат мегазем. Танхо тамошои майдонхои Исмоили Сомонӣ, Нишон ва Парчами давлатии Чумхурии Точикистон касро ба олами ифтихор мебарад. Хар сокини Ӯзбекистон, ки мехмони пойтахти точикон мешавад, хатман ба Боги фархангию фарогатии ба номи Алишери Навоӣ меояд ва дар назди хайкалхои ду дӯст - устоду шогирд Мавлоно Абдурахмони Чомӣ ва Мир Алишери Навоӣ як лахза таваккуф намуда, таърихи гузаштаву имрӯзаро ба ёд меорад ва ба сарварони халкпарвари ду кишвар мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мухтарам Шавкат Мирзиёев арч мегузорад, ки чунин мухити озод фарохам сохтаанд.

Мардуми одии Ӯзбекистон аз Худованди бузург шукргузоранд, ки ба сарварии Точикистону Ӯзбекистон мардони халкпарвар мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мухтарам Шавкат Мирзиёевро ато намудааст. Онхо тавонистанд ду миллати хамсояро боз ба хам оранд, решаи нифокро баркананд, нихоли дӯстӣ биншонанд.

Мо - сокинони дехаи Чодаки нохияи Попи вилояти Намангони Чумхурии Ӯзбекистон тавассути радио шунидем, ки Чамъияти ӯзбекони Чумхурии Точикистон дар соли 2018 дар шахрхои Бохтар, Вахдат ва нохияхои Лахш, Рӯдакӣ, Вахш, Панч чаласахо доир намуда, самари талошхои ин ду абармардро таргибу ташвик мекунанд. Аз шунидани ин хабари хуш 35 хазор нафар точики деха ашки шодӣ рехт.

Бигзор оламиён бифахманд, ки барои мардуми Точикистону Ӯзбекистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мухтарам Шавкат Мирзиёев вокеан кахрамонони асри XXI мебошанд.

**Исомиддин АСЛОНОВ,**

**узви чамъияти «Сипари Ватан»,**

**Чумхурии Точикистон**